Махфӣ

«Тасдиқ мекунам»
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
______________ Эмомалӣ Раҳмон
26 ноябри соли 2011

...и № 32-20
...денти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ш. Душанбе — 24 ноябри соли 2011

**Ширкат доштанд:**

Қаххоров А. А. – Вазири корҳои дохилӣ, Худоёров Б. Т. – Вазири адлия, Ятимов С.С. – Раиси Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Салимзода Ш.О. – Прокурори генералӣ, А...зов А.А., Фаттоев С.С. - мушовирони давлатии Президент, Холиқов А. Ғ. Раиси Кумитаи оид ба корҳои дин, Асадов А.О. – Мудири Котиботи Президент.

**Рӯзномаи машарат:**

Баррасии вазъи иҷтимоии мамлакат ва вазифаҳои сохтору мақомоти масъул дар ин самт

Дар оғози машварат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба вазъи ҷории кишвар андешаҳои худро иброз дошта, дар назди роҳбарону масъулони сохтору мақомот вазифаҳои зеринро гузоштанд:

1. Вазорати корҳои дохилӣ - Қаххоров А.А., Кумитаи давлатии амнияти миллӣ – Ятимов С.С. ва Кумитаи оид ба корҳои дин - Холиқов А. Ғ. корро дар самти назорати фаъолияти ташкилотҳои динӣ, пеш аз

ҳама масчидҳо боз ҳам тақвият бахшида, доир ба мубориза бо равияҳои зарарноки динӣ, аз ҷумла салафия аз тамоми нерӯву имкониятҳои мавҷуда истифода баранд.

2. Вазорати корҳои дохилӣ - Қаххоров А.А., Кумитаи давлатии амнияти миллӣ - Ятимов С.С., Кумитаи оид ба корҳои дин - Холиқов А. F. якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҷалби имкониятҳои соҳибкорону фаъолони маҳалҳо харитаҳои сиёсии минтақаву маҳалҳои мамлакатро таҳия карда, фаъолияти Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон, хусусан роҳбарону масъулони сохторҳои ибтидоии онро таҳти назорати қатъӣ ва доимӣ қарор дода, доир ба муайян кардани рӯйхати пурраи аъзои ҳизб ва маҳаллу суроғаи зисти онҳо, ошкор намудани тарзу усули кори таблиғотии ҳизб, инчунин оид ба пешбурди кори ҷиддӣ, аз ҷумла бо роҳи ҳавасмандгардонӣ аз сафҳои ҳизб кашидани онҳо ҷораҷӯӣ намоянд.

3. Кумитаи давлатии амнияти миллӣ - Ятимов С.С. ва Вазорати корҳои дохилӣ - Қаххоров А.А. бо ҳамкории сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

- доир ба гузаронидани санҷиши низоми шиносномаи шаҳрвандони мамлакат, хусусан пойтахти он, муайян кардани ин, ки онҳо аз куҷо ва чӣ вақт омадаанд, инчунин мансубияти ҳизбии онҳо, бо дарназардошти масъалаи торафт аз ҳисоби занон афзудани шумораи аъзои ҲНИТ фаъолияти муназзам ва мунтазамро ба роҳ монанд;

- бо истифода аз маводу имкониятҳои мавҷуда дар бобати муайян кардани онҳое, ки дар майдоннишиниҳои соли 1992 ширкат доштанд ва маҳаллу минтақаҳои зисти онҳо ҷораҷӯӣ намоянд;

- бо ҷалби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба муайян кардани манбаъҳои маблағгузории фаъолияти аҳзоби сиёсӣ, аз ҷумла ҲНИТ ва тафтиши фаъолияи молиявии онҳо тадбирҳои бетаъхир андешанд;

- аз байни аҳолӣ, аз ҷумла аз дӯкону фурӯшгоҳҳо ва воситаҳои нақлиёт мусодира кардани навору дискҳои маънии тахрибкоронаи диндоштаро пурзӯр намоянд.

4. Вазорати адлия – Худоёров Б.Т., мушовирони давлатии Президент Фаттоев С.С. ва Азизов А. А. назорати қатъии бақайдгирии аҳзоби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва васоити иттилооти оммаро ба роҳ монанд.

5. Кумитаи оид ба корҳои дин – Холиқов А. F. якҷо бо сохтору мақомоти дахлдори давлатӣ:

- дар хусуси пурра ба Ватан баргардонидани толибилмоне, ки ба таври ғайриқонунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти динии кишварҳои дигар таҳсил мекунанд ва ба мардум фаҳмонидани масъалаи тақдири минбаъдаи чунин толибилмон чораҳои муассир андешад;

- доир ба пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти мактабҳои динии ғайриқонунӣ тадбирҳои қатъиро амалӣ намояд;

- якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт ва сохтору идораҳои дахлдор дар хусуси ба сеху коргоҳҳои истеҳсолӣ табдил додани биноҳое, ки бо номи «чойхонаи ҷамъиятӣ» ташкил шудаанд, вале дар асл чун масҷид истифода мешаванд чораҷӯӣ намояд;

- робитаи доимӣ ва кори фаъолонаро бо имомхатибони масоҷиди қаламрави Федератсия Россия ба роҳ монад;

- гурӯҳҳои фаврии корӣ таъсис дода, то охири моҳи декабри соли ҷорӣ ба минтақаву маҳалҳои нисбатан ҳассоси кишвар сафарҳои корӣ анҷом диҳад ва корҳои назоративу омӯзишӣ ва фаҳмондадиҳиро вусъат бахшад.

6. Мушовири давлатии Президент – Фаттоев С.С. якҷо бо сохтору мақомоти дахлдор:

- ҷиҳати дар васоити иттилооти омма дар асоси гуфтору рафтори роҳбарон ва фаъолони ҲНИТ таҳия ва нашр намудани маводи фошкунандаи фаъолияти ғайриқонунии онҳо чораҷӯӣ намояд;

- ҷиҳати таҳкими робитаҳои ҳамкорӣ бо диаспораҳо ва ҷамъиятҳои тоҷикон дар кишварҳои дигар, бахусус Федератсияи Россия тадбирҳои амалӣ андешад.

7. Мушовири давлатии Президент – Азизов А.А., Вазорати корҳои дохилӣ – Қаҳҳоров А. А., Кумитаи давлатии амнияти миллӣ - Ятимов С.С., Прокуратураи генералӣ – Салимзода Ш.О., Суди Олӣ ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ:

- фаъолияти шӯроҳои ҳамоҳангсозро дар шаҳру ноҳияҳо ба таври ҷиддӣ тақвият бахшанд;

- ҳамкориро бо сохторҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тамоми қаламрави мамлакат пурзӯр намуда, барои ба узвияти ҳизб тавсия ва ташвиқ кардани одамони обрӯманд, занону духтарони бомаърифату боғайрат ва афсарони ба нафақа баромада мунтазам чораҷӯӣ намоянд;

- тақсими одилонаи заминҳои тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудошударо таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд;

- ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ бо созмонҳои занон, ҷавонон, хусусан варзишгарон ва истифодаи қурсамари толору иншооти варзишӣ мунтазам чораҷӯӣ кунанд;

- доир ба ҳолати омодабошии афсарони эҳтиёт ба таври доимӣ тадбирҳо андешанд.

Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — М. Давлатов

ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ч. Икромӣ, 29, тел. 21-08-30, факс 21-26-05, 21-25-90.

№4/33-0188 аз 8 декабри соли 2011

махфӣ
нусхаи [redacted]

Ба сардорони РКҶ, РМЗҶМ, РМЗҒММ, РОҶ, РҶОТ, ХШҶ, РХТҶ, ХШР, РКД ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, ноҳия ва минтақаи Рашт, ш. Душанбе шӯъбаҳои корҳои дохилии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкорӣ бо КДАМ, Кумитаи оид ба дин ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

«Ҷиҳати иҷрои Протоколи машварати корӣ дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №32-20 аз 24 ноябри соли 2011»

Бо мақсади пешгирӣ ва мубориза бо равияҳои ифротгарои динӣ, ошкор намудани тарзу усули кори таблиғотии ҳизбҳои ғояҳояшон ба сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф ва иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар машварати корӣ аз 24 ноябри соли 2011 №32-20 баён карда шуданд,

ТАЛАБ МЕНАМОЯМ:

1. Харитаҳои сиёсии минтақаву маҳалҳои мамлакат таҳия карда шуда фаъолияти Ҳизби Наҳзати Исломи Тоҷикистон (ҲНИТ), хусусан роҳбарону масъулони сохторҳои ибтидоии он таҳти назорати қатъӣ ва доимӣ қарор дода шавад.

2. Доир ба муайян кардани рӯйхати пурраи аъзои ҲНИТ ва маҳаллу сӯроғаи зисти онҳо, ошкор намудани тарзу усули кори таблиғотии ҳизб, инчунин оид ба пешбурди кори чиддӣ, аз ҷумла бо роҳи хавасмандгардонӣ аз сафҳои ҳизб канидани онҳо тадбирҳои мушаххас андешида шавад.

3. Доир ба гузаронидани санҷиши низоми шиносномаи шаҳрвандони мамлакат, хусусан пойтахти он, муайян кардани он, ки онҳо аз куҷо ва чӣ вақт омадаанд, инчунин мансубияти ҳизбии онҳо, бо дарназардошти масъалаи тарафи аз ҳисоби занон афзудани шумораи аъзои ҲНИТ фаъолияти муназзам ва мунтазам ба роҳ монда шавад.

4. Бо истифода аз маводу имкониятҳои мавҷуда дар бобати муайян кардани онҳое, ки дар майдониншинҳои соли 1992 ширкат доштанд ва маҳаллу минтақаҳои зисти онҳо чораҷӯӣ карда шавад.

5. Бо чалби мақомоти салоҳиятдори давлатӣ оид ба муайян кардани манбаҳои маблағгузории фаъолияти аҳзоби сиёсӣ, аз чумла ҲНИТ ва тафтиши фаъолияи молиявии онҳо тадбирҳои бетаъхир андешида шавад.

6. Ҷиҳати дар васоити иттилооти омма дар асоси гуфтор ва рафтори роҳбарон ва фаъолони ҲНИТ таҳия ва нашр намудани маводи фошкунандаи фаъолияти ғайриқонунии онҳо чораҳо андешида шавад.

7. Аз байни аҳолӣ, аз чумла аз дӯкону фурушгоҳҳо ва воситаҳои наклиёт мусодира кардани навору дискҳои маънии тахрибкоронаи динидошта пурзӯр карда шавад.

8. Дар хусуси пурра ба Ватан баргардонидани толибилмоне, ки ба таври ғайриқонунӣ дар муассисаҳои таҳсилоти динии кишварҳои дигар таҳсил мекунанд ва ба мардум фаҳмонидани масъалаи тақдири минбаъдаи чунин толибилмон чораҳои муассир андешида шавад.

9. Доир ба пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти мактабҳои динии ғайриқонунӣ тадбирҳои қатъӣ амалӣ карда шавад.

10. Дар масъалаи табдил додани сеху коргоҳҳои истеҳсолӣ ба ном ба «чойи чамъиятӣ», аммо дар асл истифода намудани онҳо ҳамчун масчид, чораҳои таъсирбахш андешида шавад.

11. Ҷиҳати таҳкими робитаҳои ҳамкорӣ бо диаспораҳо ва чамъиятҳои тоҷикон дар кишварҳои дигар, ба хусус Федератсияи Россия, тадбирҳои амалӣ андешида шавад.

12. Фаъолияти шӯроҳои ҳамоҳангсозӣ дар шаҳру ноҳияҳо ба таври чиддӣ ба роҳ монда шавад.

13. Ҳамкорӣ бо сохторҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тамоми қаламрави мамлакат пурзӯр карда шуда, барои ба узвияти ҳизб тавсия ва ташвиқ кардани одамони обрӯманд, занону духтарони бомаърифату боғайрат ва афсарони ба нафақа баромада мунтазам чорачӯӣ карда шавад.

14. Тақсими одилонаи заминҳои тибқи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чудошуда таҳти назорати доимӣ қарор дода шавад.

15. Ҷиҳати тақвияти ҳамкорӣ бо созмонҳои занон, чавонон ва хусусан варзишгарон ва истифодаи пурсамари толору иншооти варзишӣ мунтазам чорачӯӣ карда шавад.

16. Доир ба ҳолати омодабошии ҳайати шахсӣ ба таври доимӣ тадбирҳо андешида шавад.

17. Аз натичаи ичрои супориши мазкур ҳар семоҳа ба Раёсати нозиротӣ-ташкилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотномаи муфассал ирсол карда шавад.

18. Супориши мазкур ба самъи ҳайати роҳбарикунандаи чузъу томҳо расонида шавад.

Муовини аввали Вазир
генерал-лейтенанти милитсия — [signature] — Р. Раҳимов